«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон ба номи
Садриддин Айнӣ,
д.и.т., профессор,
_______________ А. Ибодуллозода
«___» 28 феврал соли 2024

## ХУЛОСАИ

кафедраи методикаи таълими забони англисии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба диссертатсияи Бобоҷонова Мунира Юсуфҷоновна дар мавзуи «Таъсири ҳамкориҳои байналмилалӣ ҷиҳати ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни ихтисосҳои забонҳои хориҷӣ дар зинаи таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ, (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ).

Бобоҷонова Мунира Бсуфҷоновна 10.06.1988 дар н. Шаҳринав таваллуд шудааст. Соли 2010 факултети забони англисии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ-ро бо ихтисоси тарҷумони забони англисӣ-немисӣ хатм намудаст. Фаъолияти илмии худро соли 2018 дар мавзуи «Таъсири ҳамкориҳои байналмилалӣ ҷиҳати ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни ихтисосҳои забонҳои хориҷӣ дар зинаи таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ, (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) ба ҳайси унвонҷӯ, оғоз намудааст.

Имтиҳонҳои номзадиро бомуваффақият бо баҳоҳои зерин супоридааст:

- Забони хориҷӣ (немисӣ) – “5” (аъло) –21.05.2019;
- Таърих ва фалсафаи илм – “5” (аъло) – 18.12.2019;
- Ихтисос: Таърих ва методологияи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ) (аз рӯи ихтисоси 13.00.08.04).

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳоноти номзадиро Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ 20.03.2024, №04/168 додааст.

Роҳбари илмӣ: Маҷидова Бибиҳафиза – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи махсус ва таҳсилоти фарогири Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

Диссертатсияи Бобоҷонова Мунира Юсуфҷоновна дар мавзуи «Таъсири ҳамкориҳои байналмилалӣ ҷиҳати ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни ихтисосҳои забонҳои хориҷӣ дар зинаи таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ» дар кафедраи методикаи таълими забони англисии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ омода гардида, аз ҷониби муқарризони холис Эмомов И.Б. - номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи методикаи таълими забони англисии ДДОТ ба номи С. Айнӣ; Сайфуллоева З.Х. - доктори илмҳои педагогӣ, и.в. профессори кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (забони фаронсавӣ ва олмонӣ)-и ДДОТ ба номи С. Айнӣ; Мансурова Ҷ.С. - номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи педагогикаи умумии ДДОТ ба номи С. Айнӣ ва Қурбонов Т.З. - номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсенти кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (забони фаронсавӣ ва олмонӣ)-и ДДОТ ба номи С. Айнӣ муҳокима гардид.

Дар рафти муҳокима унвонҷӯ Бобоҷонова М.Ю. ақидаи худро тибқи нақша ва мавзуи тасдиқгардида, иброз намуда, қайд намуд, ки гузариши муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар ба низоми кредитии таҳсилот ва ташаккули муносибати босалоҳият дар таълим имкон дод, ки ба зинаҳои таҳсилоти миллӣ, дараҷаҳои академии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи байналмилалӣ баҳогузорӣ карда шуда, ҳалли проблемаҳои зерини муосири ҷаҳонишавии соҳаи маориф амалӣ гарданд: ҳамгироии низоми миллии таҳсилот дар фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ; таъмини ҳаракати академии субъектҳои раванди таҳсилот; таъмини озодии академии донишҷӯ ва омӯзгор.

Инчунин қайд гардид, ки дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон ҳамкориҳои байналмилалии кишвар дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ густариш ёфта, низоми таҳсилоти олии касбии кишвар ба фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ ворид шуд ва ташкили низоми кредитии таҳсилот ва ташаккули муносибати босалоҳият дар таълим дар миқёси ҷумҳурӣ ба яке аз равандҳои стратегии рушди ин соҳа табдил ёфт.

Асосҳои назариявии таҳқиқотро асосҳои назариявии диссертатсияро дастовардҳои илмии олимон ва мутафаккирони гузаштаи русу аврупой, таҳқиқоти мутахассисони собиқ шуравӣ, муҳаққиқони муосири ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаи педагогика, ки ба

таҳлили масъалаҳои ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ бахшида шудаанд, ташкил медиҳад.

Муаллиф барои омӯзиш ва таҳлилу баррасии ҳаматарафаи паҳлуҳои гуногуни мавзӯъ ба таълифоти педагогии муҳаққиқони ватанӣ, аз қабили С.А. Абдуллоев, Қ.Б. Қодиров, И.Х. Каримова, А.Нуров, С.Р. Раҷабов, З.Ш. Раҷабов, Б. Тахохов, И.Л. Тупайло, Р.И. Хошимов, А. Шарифов, П. Ҷамшедов, У.Р. Юлдошев, Д. Ашурова, С.С. Авғонов ва дигарон такя намудааст.

Дар рафти таҳияи рисолаи мазкур, вобаста ба мақсади гузошташуда, вазифаҳои зерин амалӣ гардидаанд:

1. Таҳлили назариявии проблемаи ҳамкориҳои байналмилалӣ ҷиҳати ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни ихтисосҳои забонҳои хориҷӣ дар баланд бардоштани сифати таҳсилоти олии касбӣ амалӣ карда шавад.

2. Вазъи рушди фаъолияти байналмилалӣ ҷиҳати ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни ихтисосҳои забонҳои хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ ошкор гардонда шавад.

3. Моҳият ва мундариҷаи ҳамкориҳои байналмилалӣ ҷиҳати ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни ихтисосҳои забонҳои хориҷӣ ва шароитҳои ташаккули онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ муайян карда шавад.

4. Модели ҳамкориҳои байналмилалӣ ҷиҳати ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни ихтисосҳои забонҳои хориҷӣ ва технологияи амалигардонии он дар раванди таълими факултетҳои забонҳои хориҷии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ коркард карда шавад.

5. Меъёрҳо ва дараҷаҳои ҳамкориҳои байналмилалӣ ҷиҳати ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни ихтисосҳои забонҳои хориҷӣ дар шароитҳои таълими таҷрибавӣ-озмоишӣ муайян карда шаванд.

6. Самаранокии технологияҳои инноватсионии педагогӣ дар рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ ҷиҳати ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни ихтисосҳои забонҳои хориҷӣ дар таълими таҷрибавии онҳо ошкор ва аз лиҳози озмоишӣ санҷида шавад.

Ҳамин тариқ, бо назардошти маълумотҳои пешниҳодшуда ва хулосаи роҳбари илмӣ ва муқарризон оид ба омӯзиши дараҷаи коркарди масъалаи мазкур бармеояд, ки рисолаи номзадӣ дар мавзӯи «Таъсири ҳамкориҳои байналмилалӣ ҷиҳати ташаккули

салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни ихтисосҳои забонҳои хориҷӣ дар зинаи таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ» кори анҷомшуда илмӣ ба ҳисоб меравад.

Натиҷаи корҳои озмоишӣ дар анҷоми ҳар як марҳила таҳлилу ҷамъбаст гардида, мақолаҳои зерин дар нашрияҳои илмии тақризшаванда чопнамудаи унвонҷуй мазмуни рисоларо фаро мегиранд:

[1-M] Бободжонова М.Ю. Шарипов Ф.Ф., Развитие международного сотрудничества республики Таджикистан в сфере высшего профессионального образования / М.Ю. Бободжонова, Ф.Ф. Шарипов [Текст] // Вестник Таджикского Национального Университета. -2020. -№9.-С. 236-241 ISSN 2074-1847.

[2-M] Species Бобоҷонова М.Ю. Проблемаҳои воридшавии маорифи Тоҷикистон ба низоми таҳсилоти аврупоӣ / М.Ю.Бобоҷонова [Матн] // Номаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б.Ғафуров. –Хуҷанд, 2023, № 4(78) –С.213-221. ISSN 2077-4990.

[3-M] Бобоҷонова М.Ю. Вазъият ва дурнамои ҳамгироии илму маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / М.Ю. Бобоҷонова [Матн] // -Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. –Душанбе, 2024, №3, -С. 211-221. ISSN 2074-1847.

Бо назардошти хулосаҳои муқарризон ва иштирокчиён, кафедраи методикаи таълими забони англисӣ

ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи илмии Бобоҷонова Мунира Юсуфҷоновна дар мавзуи «Таъсири ҳамкориҳои байналмилалӣ ҷиҳати ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни ихтисосҳои забонҳои хориҷӣ дар зинаи таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ» ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ, (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсияи илмии Бобоҷонова Мунира Юсуфҷоновна дар мавзуи «Таъсири ҳамкориҳои байналмилалӣ ҷиҳати ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни ихтисосҳои забонҳои хориҷӣ дар зинаи таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ» ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ, (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-047 назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ пешниҳод карда шавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи кафедраи методикаи таълими забони англисии ДДОТ ба номи С. Айнӣ аз 27 феврали соли 2024, протоколи №7/1 бо иштироки мутахассисони даъватшуда қабул гардидааст.

Дар ҷаласа ҳамагӣ 15 - нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 3 нафар доктори илм, 8 нафар номзади илм, 3 нафар муаллими калон ва 1-нафар ассистент.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** «тарафдор» – 15 нафар, «зид» – нест, «бетараф» -нест.

Қарор якдилона қабул гардидааст, протоколи №7/1 аз 27.02.2024.

Раиси ҷаласа, мудири кафедраи
Методикаи таълими забони англисии
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Эмомов И.Б.

Муқарризон:
Доктори илмҳои педагогӣ, и.в. профессор Сайфуллоева З.Х.

Номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсент Мансурова Ҷ.С.

Номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсент Қурбонов Т.З.

Котиби ҷаласа: Мавлонова И.Т.

Имзоҳои Эмомов И.Б., Сайфуллоева З.Х., Мансурова Ҷ.С., Қурбонов Т.З. ва Мавлонова И.Т. -ро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ Мустафозода А.